**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Донишгоҳи славянии

Россия ва Тоҷикистон д.и.и.,

профессор __________ Файзулло М.К.

аз «4» 09 соли 2023

**ХУЛОСАИ**

**кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Муассисаи таълимии байни давлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» (ДСРТ)**

Диссертатсияи Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзӯи «Таърихи электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси рӯйи ихтисоси 07.00.00- Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) дар кафедраи таърихи умумӣ ва ватании факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии ДСРТ ба анҷом расидааст.

Дар рафти пажӯҳиши мавзӯи диссертатсия Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич унвонҷӯи кафедраи таърихи умумӣ ва ватанӣ ба шумор мерафт.

Алимардонов Б.М. соли 2012 факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакиро бо ихтисоси муаррих ва ҷомеашинос, омӯзгори фанни таърих хатм намудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои “Таърих ва фалсафаи илм” ва “Забони англисӣ” тибқи нақшаи таълимии шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон супорида шудааст.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои таърих, профессор Маликов Маҳмуд Ҳакимович ба ҳайси профессори кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Мавзӯи диссертатсияи номзадӣ дар ҷаласаи Шурои олимони ДСРТ таҳти фармони - №472-ст аз 02.09.2019 тасдиқ шудааст.

Аз муҳокимаи рисола дар маҷлиси кафедраи таърихи умумӣ ва ватанӣ ДСРТ аз 31 августи соли 2023, протоколи №8 хулосаи зерин бароварда шуд:

**Баҳо ба рисолаи унвонҷӯ**.

Диссертатсияи Алимардонов Б.М. дар мавзӯи «Таърихи электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, вазифаҳои дар назди муҳаққиқ гузошта шуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

**Мутобиқати мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқараршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия** ба самтҳои афзалиятноки тараққиёти илм, техника ва технологияи муосир дар ҷумҳурӣ, ки ба ҷараёни барқикунонии кишвар, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва интиқоли қувваи барқ ба хориҷ ва ташкили бозори электрикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад, мусоидати мухим дорад.Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503)» иртибот дошта, масъалаи гиромидошти таърихи пурғановати миллати тоҷик ва таҳқиқи он дар шароити муосир яке аз масъалаҳои рӯзмарра ба шумор меравад.

**Мубрамияти мавзуъ.** Масоили электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар назди ҳукумати Тоҷикистони Шуравӣ ва баъдан ҳукумати Тоҷикистони соҳибистиқлолу соҳибихтиёр мавқеи хоса дошт. Сабаби асосӣ дар он буд, ки ноҳияҳои ин минтақа мавзеи муҳофизатӣ-марзӣ бо Давлати Исломии Афғонистон маҳсуб меёфтанд. Аз ин рӯ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳои наздимарзӣ таҳти назорати

махсуси ҳукумати кишвар қарор гирифта буданд. Бо дарназардошти ин омил ҳанӯз дар ибтидои солҳои Ҳукумати Шуравӣ аввалин роҳҳои мумфарш маҳз дар ин минтақа бунёд ёфта, нахустин чароғҳои баркӣ фурӯзон гардиданд. Аз 250 нерӯгоҳи барои ҷумҳурӣ ҷудошуда 73 нерӯгоҳҳои сайёр, ки бо сӯзишвории сӯзанда кор мекарданд ва нуқтаҳои аҳолинишини наздиктарин низ аз онҳо истифода мебурданд, ба ин минтақаи наздимарзӣ дода шуданд. Маҳз дар ин минтақа нахустин муассисаҳои нави маъмурӣ ва фарҳангӣ бунёд ёфтанд.

Дар замони Шуравӣ, агар аз як тараф масоили электрикунонӣ асоси пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурии тозабунёди Шуравӣ Сотсиалистии Тоҷикистон бошад, аз ҷониби дигар ба Ҳокимияти Шуравӣ лозим буд, ки бартарии низоми сиёсии худро нисбат ба Афғонистони нимфеодалӣ ва нимкапиталистӣ нишон диҳад. Дар даврони истиқлол масъалаи электрикунонидани ноҳияҳои ҷанубу шарқӣ аҳаммияти бештарро касб менамояд. Зеро тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мадании вилоят тавассути электрикунонӣ нерӯи асосии истеҳсолкунанда ва созанда ҷиҳати рушду ободонии минтақа маҳсуб меёбад. Мутаассифона, ин масъалаҳо, дар маҷмуъ, аз доираи назари муҳаққиқони тамоми самтҳо дур мондааст. Имрӯз вақти он расидааст, ки муҳаққиқони соҳаҳои гуногун баҳри баррасии масоили мазкур ба ин минтақа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Масалан, ягон таҳқиқот ё асарҳои алоҳидае нест, ки муҳимтарин масоили электрикунонидани минтақаро дар тамоми давраи баъд аз ҷанг фаро гирифта бошад. Илова бар ин, баъди мавриди истифода қарор гирифтани НБО-ҳои Перепадная ва Марказӣ, ки пас аз ба кор андохта шудани қисмати асосии НБО-и Норак сурат гирифта буд, дар бораи элекрикунонидани минтақа маълумот кифоя нест. Ҳатто агар нерӯи барқи нерӯгоҳҳои мазкур аввалин шуда ба ин минтақаҳо расида бошад, пас дар хусуси он, ки ин амал ба рушди ҳосилнокии равандҳои меҳнатии минтақаҳои наздимарзӣ, маданияти он ва соҳаи иҷтимоӣ чи гуна таъсир расонидааст, маълумот ниҳоят кам аст ва ё умуман вуҷуд надорад.

Масоили зиёд, аз қабили дар ҳақиқат мавқеи имтиёзнокро соҳиб будани минтақаи мазкур, мавҷуд будани равандҳои суръатбахш дар электрикунонии минтақа ва таъсири ин равандҳо ба минтақаи мазкур, ҳанӯз ҳам равшан нест. Аз ин рӯ, зарурияти омӯзиши ҷиддӣ ва таҳлили дақиқназаронаи масоили мазкур ба миён омадааст, ки мубрамияти мавзӯи мавриди таҳқиқро низ муайян менамояд.

Барои омӯзиши масъалаҳои энергетика, таърихи электрикунонидани Тоҷикистон, ташаккули комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ, нишон додани аҳаммияти байналхалқии сиёсати энергетикии Тоҷикистони соҳибистиқлол сарчашмаҳои зиёд, адабиёт ва нашрияҳо дар матбуоти даврӣ мавҷуданд. Таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёти нашршуда собит менамоянд, ки Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои обӣ ва энергетикӣ дар тамоми Осиёи Марказӣ сарватмандтарин кишвар аст. Вале муҳаққиқон дар асарҳои худ, ки ҳадаф аз онҳо бозсозӣ кардани манзараи умумии рушди энергетикаи ҷумҳурӣ буд, яке аз масъалаи муҳим - таърихи электрикунонии минтақаи ҷанубу шарқии Тоҷикистонро натавонистанд дар сатҳи зарурӣ баррасӣ намоянд. Аз ин рӯ, тадқиқ ва баррасии масъалаи мазкур аҳаммияти мавзӯи омӯзиши мо ва объекти онро муайян мекунад.

**Нововарии илмии рисола**:

-қисмати бештари маводҳои ин мавзуъ бори аввал мавриди таҳлил қарор дода шуда, ба онҳо баҳои илмӣ дода шудааст;

- манбаъҳои иловагии ҳосил кардани қувваи барқ ба ғайр аз дарёҳои бузурги Панҷ, Кофарниҳон, Яхсу дар минтақа муайян карда шудааст;

- манбаъҳои асосии сарфи нерӯи барқ дар ноҳияҳои мазкур мушаххас гардидаанд;

- дараҷаи истифодабарии нерӯи барқ аз тарафи хоҷагиҳо ва аҳолии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон барои эҳтиёҷоти истеҳсолии хоҷагии қишлоқ, корхонаҳои алоҳидаи саноатӣ, маданӣ ва маишии аҳолии қишлоқ муайян карда шудааст;

- аҳаммияти таърихии нерӯи барқ дар дигаргунсозии ҳаёти мадании аҳолии Тоҷикистон инъикос гардидааст;

- зарурати ташкил намудани комплекси сӯзишворӣ-энергетикии Тоҷикистон ва аҳаммияти он барои таъминоти мунтазами ҳамаи минтақаҳои кишвар бо шабакаи барқӣ асоснок карда шудааст;

- аҳаммияти байналхалқӣ ва сиёсии сиёсати Иттиҳоди Шуравӣ дар бобати электрикунонии ноҳияҳои минтақаҳои сарҳадӣ муайян гардидааст;

- асосҳои моддӣ ва дурнамои бунёд намудани нерӯгоҳҳои нави барқии хурд, миёна ва калон дар ҳудуди Тоҷикистон муайян шудаанд;

- дурнамои тараққиёти энергетикӣ ва электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон асоснок шудааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумораи мақолаҳои чопшудаи диссертант чор мақола дар маҷаллаҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд, ба нашр расидаанд:

1. Алимардонов, Б.М. Таъсири захираҳои обӣ-энергетикӣ ба руди иқтисодиёти Тоҷикистон / Б.М. Алимардонов // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии наздиПрезиденти ҶумҳурииТоҷикистон. - 2020. - №3 (47). –С. 15-20.

2. Алимардонов, Б.М. Электрикунонии ноҳияҳои ҷанубушарқии Тоҷикистон ва аҳамияти иҷтимоию фарҳангии он / Б.М. Алимардонов // Паёми донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣватаърих). - 2021.- №3(43), С. 166 -173.

3. Алимардонов, Б.М. История изучения энергетическихресурсов и энергообеспечения горнах районов таджикистана / Б.М. Алимардонов //

“Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ”-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – 2022. - №6 (101). –С. 295-300.
4. Алимардонов, Б.М. Масоили мубрами бо энергияи барқ таъмин намудани аҳолии манотиқи наздисарҳадӣ / М.Ҳ. Маликов, Б.М. Алимардонов // Муаррих. – 2023. - № 1 (33). – С.72-77.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст. Рисола дар маҷлиси васеи кафедраи таърихи умумӣ ва ватании факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии ДСРТ муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, дар маҷмуъ 11 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд, чоп шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Маводҳои тадқиқоти мазкурро метавон ҷиҳати лоиҳасозии масоили мухталифи таърихи халқи тоҷик, маданият ва энергетикаи вилояти Хатлон, дар тадқиқоти иловагии таърих ва фарҳанги минтақаҳо ва ноҳияҳои мухталифи кишвар, дар гузаронидани курсҳои алоҳида оид ба таърихи энергетикии кишвар ва ҳаёти мадании халқи тоҷик, дар барқарорсозӣ ва равшаниандозӣ ба масъалаҳои ба фаромӯшӣ рафтаи сиёсати ҳокимияти Шуравӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва пешрафти мадании минтақаҳои наздисарҳадии ноҳияҳои Тоҷикистон истифода намуд. Илова бар ин, маводҳои тадқиқоти мазкурро зимни нишон додани ҳаҷми пурраи ташаккулёбии комплекси обӣ-энергетикии Тоҷикистон, дар асоси дурнамои азхудкунии захираҳои сӯзишворӣ-энергетикии кишвар, ошкор намудани имкониятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва пешрафти мадании Тоҷикистон, дар навиштани корҳои алоҳида, брошюраҳо ва мақолаҳо мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар натиҷагирии мавзуъ дар он ифода меёбад, ки ӯ дар иҷрои нақшаи кории

илмӣ, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф ба таври васеъ таърихи электрикунонидани ноҳияҳои ҷанубу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи Шуравӣ ва даврони истиқлол мавриди баррасию таҳлил қарор дода, дар тадқиқи он саҳми худро гузоштааст. Хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ тайёр намудааст.

**Пешниҳоди диссертасия ба Шурои диссертатсионӣ.**

Бобҳои диссертастия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳезӣ шуда, баррасию таҳқиқи он дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасимиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи унвонҷӯ Алимардонов Б.М. дар мавзӯи «Таърихи электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) барои дифоъ ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ пешниҳод карда мешавад.

Ҷаласаи кафедраи таърихи умумӣ ва ватании факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон қарор мекунад:

1.Диссертатсияи унвонҷӯ Алимардонов Б.М. дар мавзӯи «Таърихи электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) чун кори илмӣ-тахассусӣ иҷро гардида, ба талаботи Низомномаи КОА- иназди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯ Алимардонов Б.М. дар мавзӯи «Таърихи электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- Таърихи ватанӣ барои ҳимоя пешниҳод гардад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумӣ ва ватании факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон қабул карда шуд.

Дар маҷлис 15 нафар иштирок доштанд: аъзои кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, инчунин мутахассисон аз Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Пирумшоев Ҳ.П., Абулҳаев Р.А., Абдурашитов Ф.М.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «Тарафдор» - 15нафар; «Зид» -нест; «Бетараф» - нест.
Қарор якдилона қабул гардид. Протоколи №8 аз 31 августи соли 2023.

**Раисикунанда,**
**мудири кафедраи Таърихи умумӣ**
**ва ватании факултети таърих ва**
**муносибатҳои байналмилалии**
**Донишгоҳи славянии Россия ва**
**Тоҷикистон н. и.т., дотсент** **Рахматова З.Ю.**

**Котиби маҷлис** **Махкамова С.Г.**

*Имзоҳои Рахматова З.Ю. ва Махкамова С.Г.-ро тасдиқ мекунам.*

**Сардори бахши кадрҳои Донишгоҳи**
**славянии Россия ва Тоҷикистон** **Раҳимов А. А.**

**Нишони**: 734025, ш. Душанбе, к. М. Турсунзода, 30. Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон. Тел. 227-76-93; www.rtsu.tj.

«01» 09 2023 с.